ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Марҳилаи кунунии рушди низоми таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро ба яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ табдил додааст. Синни калони томактабӣ давраи ҳассосе ба ҳисоб меравад, ки дар он малакаҳои асосии иҷтимоии шахсият - муошират, ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва калонсолон, мустақилият ва рафтори иҷтимоии мусбат - ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи довталаб пурра асоснок ва мубрам мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар амалияи МТТ имкониятҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон пурра истифода намешаванд ва ҳамкории муассисаи томактабӣ ва оила дар ин самт ба таври кофӣ ташкил нагардидааст. Ҳалли ин ихтилофот тавассути коркарди шароитҳои педагогии мушаххас, ки дар кор пешниҳод шудаанд, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, бобҳо (бо фаслҳо), хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Сохтори кор мантиқан асоснок буда, ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Хулосаҳои назариявии диссертант дар асоси таҳлили амиқи адабиёти илмӣ - педагогӣ, психологӣ ва методӣ - таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои таҷрибавии дар кор пешниҳодшуда, ки дар МТТ-ҳои шаҳри Душанбе гузаронида шудаанд, аз саҳеҳии хулосаҳои диссертант

шаҳодат медиҳанд. Барномаи дастгирии педагогии падару модар, ки дар диссертатсия таҳия ва озмоиш карда шудааст, метавонад дар амалияи МТТ-ҳои кишвар мавриди истифода қарор гирад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқ аз мушаххас намудани масъалаи илмӣ, коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, гузаронидани озмоиши педагогӣ ва таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона иҷрошуда ба ҳисоб меравад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шуда, объект, мавзуъ (предмет), ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот матраҳ шуда, аҳамияти назариявию амалӣ, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи озмоиш ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудааст.

Дар боби 1-ум «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол» асосҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила мавриди таҳлил ва ҷамъбасти илмӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» номгузорӣ шудааст. Мақсади асосии боби мазкур санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоии таҳияшуда мебошад, инчунин муайян намудани самаранокии шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити оила мебошад.

Боби сеюм «Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб натиҷаҳои корҳои озмоишӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила ҷамъбаст ва таҳлил карда мешаванд.

Бо назардошти аҳамияти илмӣ ва амалии кор, зикр кардани баъзе

камбудиҳо низ ба маврид аст:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат хусусиятҳои минтақавии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони томактабӣ дар шаҳр ва деҳот бештар мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо норасогиҳои хусусияти техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои қайдгардида хусусияти принсипиалӣ надошта, ба сифати умумии таҳқиқот таъсир намерасонанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим аз рӯйи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи асоснокии илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳамияти назариявию амалии онҳо ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойқулова Қизларгул

Имзои Худойқулова Қизларгулро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17, Тел.: +992 (37) 221-77-11. E-mail: info@tnu.tj
05.10.2026